# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҷабов Раҷаб Кӯчакович ба диссертатсияи Маҳмадалиев Насриддин Каримович дар мавзуи “Асоснок намудани механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D051701 -Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ пешниҳод шудааст**

## 1.Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Диссертатсияи Маҳмадалиев Насриддин Каримович ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D051701 –Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ иҷро гардидааст: “1.1- Рушди муқаррароти назариявӣ ва методологии фаъолияти инноватсионӣ; такмилдиҳии шаклҳо ва усулҳои тадқиқи равандҳои инноватсионӣ, рақамикунонӣ дар низомҳои иқтисодӣ; 1.6 - Коркарди усулҳо ва механизмҳои ҳамгироии илми мактабҳои олӣ бо низоми миллии инноватсионӣ ва раванди ҷаҳонии инноватсионӣ. Рушди усулҳо ва шаклҳои тиҷоратикунонии инноватсияҳои мактабҳои олӣ дар корхонаҳои хурди инноватсионӣ; 1.8 - Тадқиқи силсилаи ҳаётии инноватсияҳо: андозаҳои силсила, абзор ва технологияҳои идоракунии андозаҳои силсилаи ҳаётӣ, рушди мутавозини силсилаҳои инноватсионӣ ва маблағгузорӣ дар низомҳои иқтисодӣ; 1.14 - Рушди назария ва методологияи ташаккулёбӣ, идоракунӣ ва баҳодиҳии самаранокии амалкарди бозори инноватсияҳо. Усулҳо ва технологияҳои бароварда шудани маҳсулоти инноватсионӣ ба бозор, такмилдиҳии стратегияҳои тиҷоратикунонии инноватсияҳо; 1.27 - Сохтор, мушаххасгардонӣ ва идораи хатарҳои фаъолияти инноватсионӣ дар марҳилаҳои гуногуни силсилаи ҳаётии инноватсияҳо” мутобиқат мекунанд.

## 2.Муҳиммияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.

Гузаштан ба марҳилаи муосири рушду инкишофи иқтисодиву иҷтимоӣ дар асоси татбиқи Стратегияи миллии рушди ҷумҳурӣ дар давраи то соли 2030 ташаккули иқтисоди индустриалиро дар асоси сенарияи индустриалию инноватсионии рушд, бунёди асосҳои рушди

инноватсионии иқтисодиёт ва гузаронидани ислоҳотро дар соҳаи маориф, ҳамзамон, тайёр кардани мутахассисони замонавиро дар назар дорад. Сенарияи мазкур имконият медиҳад, ки бо истифода аз манбаъҳои рушди иқтисодиёт ва самараноки сармояи инсонӣ, имкониятҳои инфрасохтори нави транзитӣ ва долонҳои иқтисодӣ, рушди истеҳсолоти воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда, таҳкими содироти хизматрасониҳо ва маҳсулоти дорои арзиши баланди иловашуда, инкишофи истеҳсоли зироаткории органикӣ, манбаъҳои барқароршаванда, ҳамчун асоси «иқтисоди сабз», такмилдиҳии механизми ҳамгироёнаи идоракунии захираҳои обу рушди босуботи сайёҳӣ гарданд.

Бояд қайд намуд, ки модели нави рушди иқтисодиёти кишвар дар худ хусусиятҳои иқтисоди навоаваронаро дар бар гирифта, барои рақобаттавонӣ дар бозорҳои чаҳонӣ дар заминаи пешниҳоди молу хизматрасонии хусусиятҳои навгонидошта, ташкили низоми миллии инноватсионӣ, ҳалли як қатор мушкилиҳо ва душвориҳо алоқаманд ва ба низом даровардани асосҳои ҳуқуқӣ ва меъёрии ташкили фаъолияти навоварона имконият медиҳад.

Мусаллам аст, ки раванди ташкили фаъолияти навоварона як доираи хоси идоракунии марҳилаҳои марбут ба эҷоди ғоя, коркард, истеҳсоли озмоишӣ ва оммавӣ, тарғибу фурӯши маҳсулоти нави ватанӣ ташаккул меёбад ва заминаро барои идомаи самараноки фаъолияти навҷорисозӣ фароҳам месозад. Мутассифона, дар ин марҳила фаъолияти навҷорисозӣ дар ҷумҳурии мо аз нигоҳи назариявию методӣ ва амалӣ ба таври кофӣ таҳқиқ нашуда, пешбурди тадқиқоти суроғавиро дар асоси пешниҳоди роҳу усулҳои тиҷоратикунонии навовариҳо тақозо мекунад.

Дар робита ба гуфтаҳои боло, қайд намудан ба маврид аст, ки дар мубрамии мавзуи диссертатсияи Маҳмадалиев Н.К. ягон шубҳа нест ва он метавонад, ки дар асоснок намудани механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ аҳаммияти назарраси илмӣ, методӣ ва амалиро дошта бошад.

**3.Натиҷаҳои мушаххаси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ** пеш аз ҳама, аз навгониҳои илмӣ бармеоянд. Навгонии илмии диссертатсия дар асоснок намудани ҷанбаҳои назариявӣ ва методии самтҳо ва имкониятҳои такмилдиҳии механизми тиҷоратикунонии навовариҳо ва коркарди чорабиниҳои амалии инкишофи низоми идоракунии тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода ёфтааст.

Унсурҳои асосии навгониҳои илмӣ аз қисматҳои зерин иборат аст:

1. Дар рисола хусусиятҳо, моҳият ва зинаҳои асосии навоварӣ дар шароити муосири хоҷагидорӣ арзёбӣ шуда, зинаи тиҷоратикунонии он муҳимтарин ва самараноктарин натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти навҷорисозиро муайян менамояд, маънидод шудааст. Дар ин замина аз тарафи муаллиф нисбат ба навоварӣ ё худ инноватсия фаъолияти ба коркарду истеҳсоли молу хизматрасониҳои нав, аз қобили фурӯш ва ба вуҷуд овардани арзиши иловашуда мебошад, таърифу васф мешавад, пешниҳод шудааст;

2. Дар асоси арзёбии сохтори консептуалии механизми тиҷоратикунонии навоварӣ ба ташаккулёбии маҷмуи роҳу усулҳои таҳвили донишҳои илмӣ-техникӣ дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ ва пешниҳоди хизматҳо,тавассути механизмҳои ҷузъии баҳамалоқаманд ва баҳамтаъсиррасоне, ки ҳар як механизм функсияи муайянеро иҷро намуда ба самаранокии тиҷоратикунонии навоварӣ таъсири худро мерасонад, пешниҳод гардидааст. Ин таъриф дар асоси таваҷҷӯҳ ба омӯзишу таҳлили таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар заминаи ташаккулдиҳии механизмҳои самараноки тиҷоратикунонии навовариҳо асоснокva пешниҳод гардидааст;

3. Ба арзёбии заминаҳои асосӣ ва вазъи кунунии механизмҳои тиҷоратикунонии навоварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон диққати асоси дода шуда, омилҳои боздорандаи он дастабандӣ гардида дар байни онҳо омилҳои институтсионалӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маркетингӣ ва технологӣ муҳим ва мавқеи он баҳо дода шудааст. Дар ин радиф зиддияти омилҳои баррасишаванда дар заминаи таҳлили «сабаб-натиҷа» ошкор гардонида шуда, стратегияи умумии такмили механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар асоси SWOT-таҳлил коркард шудааст;

4. Дар диссертатсия аз нигоҳи танқиди самаранокии дастгирии давлатии механизми тиҷоратикунонии навоварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳогузорӣ карда шуда, имкони дар сатҳи нокифояи ҳавасмандиҳои андозӣ, гумрукӣ ва буҷавии фаъолияти тиҷоратикунонии навовариҳоро ошкор карда шуда, барои бартараф намудани мушкилоти мавҷуда чораҳои мушаххас пешниҳод гардидааст;

5. Барои мукаммалгардонии механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дастурҳои методӣ ва тавсияҳои амалӣ коркард ва пешниҳод бо назардошти алоқамандӣ ва таносуби ҳаҷм ва шаклҳои дастгирии давлатиро бо потенсиали инкишофи фаъолияти навоваронаи корхонаҳои истеҳсолӣ муайян менамояду дар заминаи он принсипҳо ва нишондиҳандаҳои баҳодиҳии механизми тиҷоратикунонии навоварӣ натиҷагирӣ шудааст;

6. Амсилаи иқтисодию риёзии омилҳои инкишофи тиҷоратикунонии донишҳои нав дар муассисаҳои таълимӣ ва марказҳои илмӣ дар асоси санҷиши зарибҳои тағйирёбандаҳои вобастаи «марҳилаҳои асосии тиҷоратикунонии дониш», «омилҳои асосии таъсирбахши тиҷоратикунонии дониш», «омилҳои ташкилии тиҷоратикунонии дониш» ва «нишондиҳандаҳои тиҷоратикунонии дониш», тағйирёбии нишондиҳандаи мустақил «тиҷоратикунонии дониш»– ро пешгӯйӣ менамояд коркард ва пешниҳод гардидааст.

**4. Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди масоили илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.**

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар омӯзиш ва ҷамъбасти маълумот, ба низом даровардан, аниқ ва пурра кардани равишҳои назариявӣ, илмию амалӣ оид ба асоснок намудани механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ алоқаманд ифода меёбад. Дар асоси ҷамъбасткунӣ ва таҳлили маводи таҳқиқӣ самтҳои асосии механизми тиҷоратикунонии навовариҳо муайян, тавсияҳои мушаххас оид ба такмили он таҳия шудаанд.

Инчунин, иштироки бевоситаи унвонҷӯ дар таҳқиқотҳои илмии гузаронидашуда, интишори мақолаҳои илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия, маърӯзаҳои илмӣ дар конференсияҳои илмию назариявӣ ва илмию амалии сатҳҳои гуногун ба назар мерасанд, ки саҳми илмии ӯро ифода менамояд.

**5. Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Диссертатсияи тақризшаванда аз муқаддима, се боб, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Муҳтавои асосии таҳқиқот дар 182 саҳифаи компютерӣ оварда шуда, дар он 25 ҷадвал ва 16 расм истифода шуда, рӯйхати адабиёт 165 сарчашмаро фарогир аст.

Дар муқаддима мубрам будани мавзуи диссертатсия ва сатҳи омӯзиши он асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет ва фарзияи таҳқиқот муйян шудаанд, инчунин муқаррароти дорои навгонии илмӣ ва аҳамияти назариявию амалии диссертатсия инъикос гардидаанд ва маълумот оид ба тавсифи натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод карда шудаанд (саҳ. 4-15).

Боби аввали рисола "Ҷанбаҳои назариявӣ-методологии механизми тиҷоратикунонии навоварӣ дар шароити муосир" (саҳ 16-65) ба таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии тадқиқи тиҷоратикунонии навовариҳо дар низоми

умумии раванди навҷорисозӣ бахшида шуда, асосҳои консептуалии сохтори механизми тиҷоратикунонии навовариҳо мавриди омӯзиш қарор гирифта, таҷрибаи хориҷии механизми тиҷоратикунонии навоварӣ дида баромада шудааст.

Дар зербоби аввали ин боб дар сатҳи зарурӣ ҷанбаҳои назариявии тадқиқи тиҷоратикунонии навоварӣ дар низоми умумии раванди навҷорисозӣ дар асоси омузиши адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ дида баромада шудааст. Ҳамзамон, гуруҳҳои асосии навоварӣ (саҳ.25) омухта шуда, давраи ҳаётии навоварӣ бо таваҷҷӯҳ ба нақши афзояндаи тиҷоратикунонии он (саҳ.27) баҳо дода шуда, рушди тиҷоратикунонии навовариро муаллиф ҳамчун самти мустаҳкамгардонии иқтидори зеҳнӣ, ташкили лабараторияҳо ва институтҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар асоси сармоягузорӣ намудан ба мақсад мувофиқ донистааст, ки ин боиси дасгирӣ мебошад.

Зербоби дуюми ин боб ба таҳқиқи асосҳои консептуалии сохтори механизми тиҷоратикунонии навоварӣ равона карда шуда, схемаи сохтории механизми тиҷоратикунонии навоварӣ (саҳ.38) пешниҳод шудааст, ҳамзамон, аз тарафи муаллиф тавсифи принсипҳои асосии тиҷоратикунонии навоварӣ (саҳ.39) арзёбӣ шуда, дар сатҳи зарурӣ ҳамбастагии илм, истеҳсолот ва тиҷорат (саҳ.41) мариди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар ин зербоб хизматрасониҳои бизнес-инкубаторҳо муайян карда шуда, модели муосири инкубатсия дар асоси арзёбии фаъолияти марказҳои истифодаи муштарак воҳидҳои мутамаркази функсионалии ташкилотҳои илмӣ ва таълимӣ боиси дастгирӣ мебошад. Диққати асосӣ ба омузиши хусусиятҳои сармоягузории фаришта дода шуда, муаллиф дуруст қайд менамояд, ки ин сармоягузорӣ метавонад ба рушди минбаъдаи технология ва тавсеаи иқтисодӣ оварда расонида, дар маҷму навовариҳои тиҷоратӣ ба беҳтар шудани равандҳои истеҳсолӣ, кам шудани хароҷот ва баланд бардоштани ҳосилнокӣ оварда мерасонанд.

Дар зербоби сеюми ин боб таҷрибаи хориҷии механизми тиҷоратикунонии навоварӣ бо истифодаи махзанҳои ва механизмҳои ташаккулёбии муҳити тиҷоратикунонии навоварӣ (саҳ.51) омухта шуда, платформаи кушодаи инноватсионӣ", бартариятҳои модели "Секунҷаи дониш" дар бахши тиҷоратикунонии навоварӣ (саҳ.53) муайян карда шудааст. Модели тиҷоратикунонии навоварӣ бо усули фаронсавӣ (саҳ.58) мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, омилҳои муваффақияти тиҷоратикунонии навовариҳоро дар Чин ва кишварҳои пасошуравӣ ба таври мухтасар омухта шудааст.

Мо ақидаи муаллифро нисбати оне, ки аз таҷрибаи хориҷӣ бояд танҳо он чизеро интихоб кард, ки ба хусусиятҳои мо мувофиқ бошад. Ҳамзамон, истифодаи усулҳои сиёсати давлатии рушди тиҷорати навоварӣ, ки дар мамлакатҳои ҷаҳони муосир мавҷуд аст, барои ҳимояи соҳибкории навоварона дар сатҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он нақши асосӣ дошта, коркарди барномаҳои нави тиҷоратикунонии навовариро тақозо менамояд.

Дар боби дуюми диссертатсия "Таҳлили заминаҳои асосӣ ва вазъи кунунии механизмҳои тиҷоратикунонии навоварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (саҳ 66-101) дар асоси арзёбии заминаҳои асосии рушди механизмҳои тиҷоратикунонии навоварӣ ба анҷом расонида шуда, муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба механизми тиҷоратикунонии навоварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидааст.

Дар зербоби аввали ин боб заминаҳои асосии рушди механизми тиҷоратикунонии навоварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси таҳлили динамикаи нишондиҳандаҳои рушди макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ.67), манбаҳои асосии рушди иқтисодиёт (саҳ.69), гурӯҳбандии бозори навовариҳо ва таснифи онҳо (саҳ.71), пешниҳоди тадбирҳое, ки барои дастгирии иқтидори илмии Тоҷикистон заруранд (саҳ.74-73) ба сомон расонида шудааст. Мо ақидаи муаллифро нисбати оне, ки ҳалли мусбии онҳо калиди таъмини самаранокии истифода аз нерӯи инноватсионӣ мебошад ва дар натиҷа боиси рушди устувори иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳад шуд ва рушди интенсивии тиҷорати навоварӣ бевосита сатҳи рушди иқтисодиётро муайян менамояд дастгирӣ менамоем.

Ҳамзамон дар ин зербоб динамикаи рушди навоварӣ ва тиҷорати навоварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2000-2022 (саҳ.77) ва пешниҳоди ариза ва дарёфти ҳуҷҷати муҳофизатӣ ба ихтироъ (патент) (саҳ.80-81) таҳлил гардада, омилҳое, ки воқеан боиси рушди тиҷорати навоварӣ дар кишвар мебошанд (саҳ.84-84) муайян ва баҳо дода шудаанд.

Зербоби дуюми ин боб ба тадқиқи омилҳои таъсиррасон ба механизми тиҷоратикунонии навоварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ.86-87) бахшида шудааст. Ҳамзамон, алоқамандии омилҳои таъсиррасон дар муҳити тиҷоратикунонӣ (саҳ.91) муайян карда шуда, мавқеи Тоҷикистон дар индекси ҷаҳонии фаъолнокии инноватсионӣ (саҳ.93) баҳо дода шудааст. Инчунин, баъзе аз масъалаҳои муҳимтарини тиҷоратикунонии инноватсия дар Тоҷикистон (саҳ.95-96) ва пешбурди сиёсати тиҷоратикунонии навоварӣ бо рушди фаъолияти иттилоотӣ-

коммуникативӣ алоқамандии бевосита дорад, дида баромада шуда, алоқамандии хароҷот барои тадбиқ ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникативӣ нисбат ба ММД (саҳ.98), тиҷоратикунонии навовариҳое, ки аз ҷониби ташкилотҳо то соли 2023 интиқол ва ба даст оварда шудаанд (саҳ.99-10) арзёбӣ гардидааст. Мусаллам аст, ки ақидаи муаллиф ҷиҳати татбиқи консепсияи тиҷоратикунонӣ дар ташкилотҳо, бояд бо моделҳои тиҷоратикунонӣ технология харитаи роҳи рушди фаъолият ва нақшаҳои стратегии тиҷоратикунони вобаста аст, зарур дониста шавад.

Боби сеюм "Самтҳои асосии мукаммалгардонии механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (саҳ 102-153) ба ташаккули муҳити мусоиди институтсионалии тиҷоратикунонии навовариҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, инкишофи инфрасохтори тиҷоратикунонии навовариҳо тавсиф ва моделсозии омилҳои инкишофи тиҷоратикунонии донишҳои нав дар муассисаҳои таълимӣ ва марказҳои илмӣ бахшида шудааст.

Дар зербоби аввали ин боб ташаккули муҳити мусоиди институтсионалии тиҷоратикунонии навовариҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси таҳлили муҳити ниҳодии инкишофи тиҷоратикунонии навовариҳо (саҳ.105), баррасии муҳимтарин лоиҳаҳои инноватсионие, ки барои татбиқ дар истеҳсолот дар давраи то соли 2030 (саҳ.107-108), алоқамандии таҳиягарон ва харидорон (сармоягузорон)-и навовариҳо (саҳ.113), гурӯҳбандии вобастагиҳои кории иштирокчиёни ҷараёни тиҷоратикунонии навоварӣ (саҳ.113-114), баҳодиҳии мавқеи маркетинг ҳамчун яке аз омили муҳимтарини таъмини рақобатпазирӣ, самаранокии истеҳсолот, сатҳи баланди алоқамандии илм ва истеҳсолот, ҷамъ овардани таъминкунандагон, истеҳсолкунандагон, миёнаравон ва истеъмолкунандагон дида баромада шуда, ҷараёни ниҳодии сохтани тафаккури маркетингӣ дар сохторҳои илмию инноватсионӣ (саҳ.119) дониста шудааст.

Мо ақидаи муаллифро нисбати инкишофи инфрасохтори тиҷоратикунонии навовариҳо дастгирӣ намуда, қайд менамоем, ки ин инфрасохтор дар ҳақиқат инноватсионӣ (саҳ.123) буда, зерсистемаҳои ҷудогонаи ба ҳам вобастаро дар бар мегирад (саҳ.124). Ҳамзамон, дар рисола динамикаи рушди шумораи объектҳои асосии инфрасохтори инноватсионӣ (саҳ.126) омухта шудааст. Бояд қайд намуд, ки масоили ҷудонамуда аз тарафи муаллиф (саҳ.128-131) саривақтӣ буда, ҳалли онҳо имконият медиҳад, раванди рушди инфрасохтор дар сатҳи нав созмон

дода шавад. Мо мушкилоти ташаккули кластерҳои инноватсиониро, ки аз тарафи муаллиф дар Тоҷикистон (саҳ.132-133) муайян шудааст, зарурӣ мешуморем. Инчунин, дар ин зербоб баъзе масъалаҳое дида баромада оварда шудаанд, ки ҳангоми ҳамкорӣ бо кластерҳои калон бояд таҳқиқ ва назорат карда шаванд (саҳ.134-135). Дуруст аст, ки дар ҳақиқат омили асосии инкишофи равандҳои тиҷоратикунонии навовариҳо таъмини инфрасохтори ба ҳам алоқаманди фаъолияти инноватсионӣ дниста мешавад.

Зербоби сеюми ин боб моделсозии омилҳои инкишофи тиҷоратикунонии донишҳои нав дар муассисаҳои таълимӣ ва марказҳои илмии кишвар дар асоси баррасӣ ва муқоисаи моделҳои мукаммали тиҷоратикунонии донишҳо (саҳ.140), баҳодиҳии омилҳои муҳити тиҷоратикунонӣ ва алоқаи мутақобилаи онҳо (саҳ.142), алоқамандии омилҳои тақозои бозор ва рушди фановариҳои донишӣ (саҳ.143), гузаронидани санҷиши омории t - student барои саволҳои марбут ба марҳилаҳои асосии тиҷорати навоварӣ (саҳ.145), муайян намудани рейтинги марҳилаҳои асосии тиҷоратикунонии дониш бо истифода аз санҷиши рейтингии Фридман (саҳ.146), гузаронидани санҷиши тестии Test value барои саволҳои марбут ба омилҳои асосии таъсирбахши тиҷоратикунонии дониш, ва барои саволҳои марбут ба марҳилаҳои тиҷоратикунонӣ (саҳ.149), ҳамзамон санҷиши тестии Test value барои саволҳои марбут ба омилҳои ташкилии тиҷоратикунонӣ (саҳ151-152) ба сомон расонида шудааст. Аз тарафи дигар, дар рисола нишондиҳандаҳои таваҷҷуҳ ба маркетинг дар марказҳои рушд, тақвияти рақобат дар лоиҳаҳои илмӣ ва эҷоди ғояҳои нав, инчунин, рушди марказҳои рушд ва технология камтарин омилҳо ва ҷузъҳое мебошанд, ки ба тиҷоратикунонии дониш таъсир мерасонанд ва имконият медиҳанд, ки рейтинги омилҳои ташкилии тиҷоратикунонии дониш бо истифода аз санҷиши рейтингии Фридман (саҳ153) муайян карда шавад.

Ҳамзамон дар охири ин боб тадқиқоти стратегияҳо ва пешниҳодҳои асоснок оид ба мусоидат ба вазъи тиҷоратикунонӣ ва инноватсионии кишвар дар маҷмуъ ва дар байни муассисаҳо, ширкатҳои илмии дар марказҳои рушд ва паркҳои илмӣ-техникӣ ҷойгиршуда, пешниҳод карда шудаанд, ки мо онҳоро дуруст мешуморем.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо (саҳ. 154-157) натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин тавсияҳое, ки аҳаммияти назариявӣ, методӣ ва амалӣ доранд, пешниҳод гардидаанд.

**Дараҷаи саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот** бо истифодаи усулҳои махсус дар рафти иҷрои диссертатсия, боэътимодии маълумот, ҳаҷми кифояи маводи таҳқиқшуда, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот, маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалии сатҳҳои гуногун тасдиқ мешавад.

Дар амалия хулоса ва тавсияҳо барои татбиқи натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ва дар асоси таҳлили илмӣ ҷанбаҳои назариявию амалӣ муайян карда шудааст, ки аз эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дарак медиҳад.

## 6.Асоснокии ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.

Дар маҷму диссертатсия аз рӯйи сохтор, мазмун ва муаррифии мантиқӣ ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти ба анҷомрасонидашуда пурра мувофиқат мекунад.

Дар диссертатсия асосҳои назариявию методӣ ва амалияи ба асоснок намудани механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ ба таври мантиқӣ ва системавӣ таҳқиқ карда шудааст. Муаллиф таҳлили ҷанбаҳои назариявӣ, методӣ ва амалияи асоснок намудани механизми тиҷоратикунонии навовариҳоро дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ таҳлил намуда, дар ин асос ҷиҳати мукаммал гардондани он хулоса, тавсия ва пешниҳодҳои мушаххас таҳия намудааст.

Истифодабарии пешниҳодҳо, тавсияҳо ва татбиқи амалии онҳо асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои илмии ба даст овардашудаи диссертатсия мебошад. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои гирифташудаи диссертатсияро баҳо дода, бояд қайд намуд, ки дар равиши таҳқиқот миқдори зиёди таҳқиқотҳои илмии ба анҷомрасонидаи олимони ватанӣ ва хориҷӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқии вазорату ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, ҳисоботҳои фаъолияти онҳо истифода бурда шудаанд.

## 7. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.

Аҳамияти илмии натиҷаҳои таҳқиқот дар асосноккунии назариявӣ, методӣ ва амалияи асоснок намудани механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ зоҳир мешавад. Пешниҳод ва тавсияҳои дар диссертатсия коркардшударо ба сифати воситаи асоснок намудани механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст. Пешниҳодҳои мушаххаси муаллифро ҳангоми таҳияи сиёсати тиҷоратикунонии навовариҳо ва механизми он истифода бурдан зарур мебошад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар он ифода мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд барои ошкор намудан ва рафъи мушкилиҳои асоснок намудани механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ коркард карда шуда, дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт истифода шавад. Тавсияҳои таҳияшуда метавонанд дар корхонаю ташкилотҳои Тоҷикистон ба кор бурда шаванд.

Аз таҳлили диссертатсия бар мерояд, ки баъзе аз муқаррароти амалии таҳқиқоти ба анҷом расонидашуда ва тавсияҳои таҳияшуда метавонанд ҳангоми асоснок намудани механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ ба кор бурда шаванд. Муқаррароти назариявӣ ва тавсияҳои амалии таҳқиқот дар раванди таълимии зинаи бакалавриат ва магистратура дар ҷараёни тадриси фанҳои «Иқтисоди навоварӣ», «Менеҷменти инноватсионӣ», курси махсуси «Тиҷоратикунонии навовариҳо» ва ғ. дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ истифода мешаванд.

**Аҳаммияти иқтисодии таҳқиқот аз он иборат мебошад**, ки натиҷаҳои диссертатсия метавонанд ба рушди таъминоти ташкилӣ-методии асоснок намудани механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ дар корхонаю ташкилотҳо таъсири мусбӣ расонда, раванди дурусти баҳодиҳии даромадҳо, хароҷот, натиҷаҳои молиявӣ ва самаранокии қабули қарорҳои идоракуниро таъмин намоянд.

**Аҳаммияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия дар он аст**, ки асоснок намудани механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ имконияти муносибро барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани сифати кору хизматрасониҳо, паст гардидани арзиши аслии онҳо таъсир расонад. Инчунин, натиҷаҳо барои ҳаллу фасли масъалаи шуғли пурмаҳсули аҳолӣ, паст шудани сатҳи камбизоатӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият фароҳам оваранд.

## 8. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.

Асарҳои интишоршудаи муаллиф, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷой доштаро дар худ инъикос намудаанд.

Доир ба мавзуи таҳқиқот 17 кори илмӣ, аз он ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудааст.

**9. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Маҳмадалиев Насриддин Каримович мутахассиси болаёқат буда, имконияти мустақилона ҳал кардани масъалаҳои муҳими илмӣ мебошад ва кори диссертатсионӣ ба самти тахассусии унвонҷӯ мутобиқ мебошад. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, сохтор ва мазмуни рисолаи иҷрошуда ба талаботҳои муқарраршудаи шиносномаи тахассусӣ пурра мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои илмии бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ ба талаботҳои чунин корҳо ҷавобгӯ мебошад. Ҳангоми тавсифи довталаб ба ҳайси тадқиқотчӣ, донишомӯзӣ, масъулиятшиносӣ, қобилияти дар сатҳи баланд пешбурди кори илмӣ, қабули қарорҳои мустақил ва муайян кардани роҳҳои расидан ба ҳадаф ва вазифаҳои ба миён гузошташуда бояд таъкид карда шавад.

**10. Эродҳо ва баъзе тавсияҳо ба диссертатсия:**

1. Дар боби аввал муаллиф ҷанбаҳои назариявӣ-методии механизми тиҷоратикунонии навоварӣ дар шароити муосир дар сатҳи зарурӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Ба ақидаи мо агар муаллиф доир ба механизми тиҷоратикунонии навоварӣ дар шароити муосир маълумоти бештар медод, фикр мекунем сифати кори диссертатсионӣ боз ҳам ғанитар мегардид.

2. Зербоби 3.2 ба таҳқиқи таҷрибаи хориҷии механизми тиҷоратикунонии навовариҳо бахшида шудааст. Новобаста ба ин шарҳи пурраи имконияти истифодаи ин таҷриба дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба анҷом расонида нашудааст.

3. Дар зербоби 2.2 таҳқиқи омилҳои таъсиррасон ба механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст. Мутаассифона, масъалаи интихоби омилҳо ва таъсири баъзе аз онҳо ба тиҷоратикунонии навовариҳо мавриди арзёбии пурра қарор нагирифтааст.

4. Зербоби 3.1 ба ташаккули муҳити мусоиди институтсионалии тиҷоратикунонии навовариҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Вале дар ин зербоб нуқтаи назари олимони ватанӣ ва хориҷӣ нисбати фароҳам овардани муҳити мусоиди институтсионалии тиҷоратикунонии навовариҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон каме дур аз таҳқиқ қарор гирифтааст.

5. Дар зербоби 3.2-и диссертатсия инкишофи инфрасохтори тиҷоратикунонии навовариҳо дар сатҳи зарурӣ омухта шудааст. Новобаста ба ин шарҳи пурраи истифодаи ин инфрасохтор ва самаранокии таъсири он ба рушди тиҷоратикунонии навовариҳо ба тариқи возеҳ ва дар асоси гузаронидани муқоисаҳо сурат нагирифтааст.

6. Дар зербоби 3.3 моделсозии омилҳои инкишофи тиҷоратикунонии донишҳои нав дар муассисаҳои таълимӣ ва марказҳои илмӣ бе арзёбии амалии истифодаи маблағҳои зарурӣ барои ҷорӣ намудани онҳо ва дурнамои он дар субъектҳои дар боло пешниҳодшудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷагирӣ шудааст.

7. Дар диссертатсия баъзе хатогиҳои грамматикӣ ва орфогафӣ ҷой доранд, инчунин, баъзе аз мафҳумҳо ба тариқи пурра кушода нашуда, арзёбӣ гардидаанд.

**11. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.**

Диссертатсияи Маҳмадалиев Насриддин Каримович ҳамчун кори илмии ба анҷом расида ба ҳисоб рафта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асосноккунӣ дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ навишта шуда, ба талаботҳои гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), омода намудани диссертатсия ва ташхиси диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботҳои муқаррарнамудаи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) ҷавобгӯ мебошад.

Рисолаи илмии довталаби дараҷаи илмӣ ба меъёрҳои гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), омода намудани диссертатсия ва санҷиши кори диссертатсионӣ дар Шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва тартиби бақайдгирии давлатии рисолаҳои дифоъшуда, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Кори диссертатсионӣ бо забони фаҳмо бо истилоҳоти қабулшуда навишта шудааст, ороиши диссертатсия тағйиротро талаб намекунад. Автореферат ва мақолаҳои илмии ба нашр расондаи довталаб таркиби асосии диссертатсияро дар бар гирифта, натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст. Ҷанбаҳои муҳими мундариҷаи кор дар автореферат инъикос ёфтаанд, ки предмети асосии

дифоъ мебошанд. Бинобар ин, талабот дар ин бобат дар маҷмуъ қонеъ карда мешавад.

**12. Хулоса.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Маҳмадалиев Насриддин Каримович дар мавзуи "Асоснок намудани механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D051701 - Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ пешниҳод шудааст, кори илмии мукаммал ва ба анҷомрасида буда, дар он натиҷаҳои нави назариявӣ, методӣ ва амалии аз ҷиҳати илмӣ асоснок ба даст оварда шудаанд.

Мубрамӣ, навгонӣ, асоснокии муқаррароти асосии илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, инчунин аҳамияти он барои илми иқтисодӣ ва амалияи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ гувоҳӣ медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ умуман ба талаботи бандҳои 32, 33, 34, 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 367 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он – Маҳмадалиев Насриддин Каримович барои додани доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D051701 - Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ:
профессори кафедраи фаъолияти
гумруки Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон, д.и.и., профессор Раҷабов Р.К.

Имзои д.и.и., профессор Раҷабов Р.К. -ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон Пирзода С.С.

Суроға: (734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½.
http://www.tguk.tj. E-mail: drrajab @mail.ru, тел: +992 934444107/